**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод, дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Автореферати пешниҳодшуда ба яке аз мавзуҳои муҳими соҳаи ҳуқуқи маданӣ — танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол ва хизматрасонӣ бахшида шуда, дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва талошҳои давлатдории муосири Тоҷикистон барои ташкили муҳити рақобатпазир аҳамияти назариявӣ ва амалии хоса дорад.

Дар матни автореферат дуруст иброз мегардад, ки мубрамияти таҳқиқи танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ аз нақши калидии он дар таъмини рушди иқтисодӣ ва пешрафти устувор сарчашма мегирад. Ин самт бевосита ба динамикаи равандҳои иқтисодӣ, сатҳи рақобатпазирӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таъсир мерасонад. (С.3)

Дар ҳамин асос, муаллиф кӯшиш намудааст, бо истифода аз усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ, мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти инҳисориро дар қонунгузории миллӣ баррасӣ намуда, роҳҳои беҳтар намудани заминаҳои ҳуқуқии падидаи мазкурорро пешниҳод намояд. Дар ин самт, рисола дорои навигониҳои мушаххаси илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад.

Муҳимияти мавзуи мазкур ҳамчунин бо он асоснок карда мешавад, ки масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳо, хусусан дар бозори Тоҷикистон, мавзуи мубрами замони муосир ба шумор рафта, муаллиф тавонистааст онро аз ҷиҳати илмӣ ва назариявӣ асоснок намояд.

Аз матни автореферат бармеояд, ки диссертант таҳлили қонунгузории миллӣ ва муқоисаи ҳуқуқӣ — қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба ҳимояи рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ бо муқаррароти қонунгузории давлатҳои дигар, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар кишварҳои ИДМ-ро муқоиса намуда, фикру андешаҳои мушаххасро оид ба такмили қонунгузории соҳа пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории соҳа, оид ба тартиби фаъолияти мақомоти зиддиинҳисорӣ ва таҷрибаи татбиқи онҳо таклифу пешниҳодоти мушаххас овардааст.

Забон ва услуби илмии матн равон, фаҳмо буда, он дар услуби хуби илмӣ таҳия гардидааст, ки қобили дастгирӣ аст.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз баъзе хулосаю муқаррароти баҳснок холӣ нест:

1.Гарчанде муаллиф дар қисматҳои муайяни таҳқиқот ба таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ ишора кардааст, вале таҳлили амиқи қарори судҳои арбитражӣ ва судҳои иқтисодӣ дар масъалаҳои марбут ба фаъолияти инҳисорӣ ба таври лозима истифода нашудаанд.

2.Муаллиф мавзуро дар доираи умумии "бозори мол ва хизматрасонӣ" баррасӣ кардааст, вале барои таҳқиқи амиқ ба мисли бозори телекоммуникатсия, энергетика, ё хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, ки фаъолияти инҳисорӣ дар онҳо бештар дида мешаванд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир накардааст.

Бо вуҷуди ин, эродҳои зикршуда, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмуну муҳтавони автореферати диссертатсия бо дарназардошти дорои муҳтавои назариявӣ ва амалӣ будани он таъсири манфӣ намерасонанд.

Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дорад ва натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои маданӣ аз аҳамият холӣ нест.

Таҳқиқоти диссертатсионии Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод, дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267, тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, ҳамчун таҳқиқоти илмӣ-тахассусӣ барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ аҳамияти муҳим дорад ва муаллифи он Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод, барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Очилова Ф.А.

"Имзои Очилова Ф.А.-ро тасдиқ менамоям":
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Бобоев А.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1, Телефон: +992(3422)2-38-11, Email: Info@tsulbp.tj, www: http://tsulbp.tj

« 10 » 11 2025 с.